

*Қаламкаш хоҳӣ гардидан, сабақ аз Рӯдакӣ гирӣ,*
*Бихоҳӣ тегкаш будан, бигир ту теги Синоро!!!*

№3 (3),
12.04.2018

# ШИФО

Ҳафтаномаи соҳавии нашрияи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ

# Табобат бигир ва бидуни сил бизӣ!

**Аз рӯи тадқиқотҳои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ имрӯз дар сайёраи замин аз 3 як ҳиссаи аҳолӣ гирифтори бемории сил аст. Аз ин бармеояд, ки аз 3 як нафари мо сироятёфтаи ин беморием. Ин дар ҳолест, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон, ба рӯйхати сиёҳи давлатҳои ба бемории сил гирифторбуда шомил нестанд, лек вазъи бемории сил дар ҷумҳурии мо чун дар тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ташвишовар боқӣ мемонад. Тибқи таҳлилҳои пажуҳишгарон танҳо 10%-и афроди ба сил сироятёфта дар давоми ҳаёти худ ба сил гирифтор мешаванд.**

## НАЗАРЕ БА ТАБИАТИ СИЛ

**(туберкулез аз калимаи лотинии “tuberculum” («лӯндача», «арзана») гирифта шудааст)**

Сил бемории дар ҷаҳон хеле паҳншудаи бактериявии инсон ва ҳайвонот аст, ки барангезандаи он микробактерияи сил аст. Бемории сил асосан ба шуш осеб расонида, баъзан ба узвҳо ва системаҳои дигар низ асар мегузорад. Бемории сил табобатшаванда ва пешгиришавандааст. Соли 1882 дар Олмон Роберт Кох пас аз 17 соли кор дар лаборатория барангезандаи бемории силро кашф намуд, ки онро батсилаи Кох ва ё чӯбчамикроби Кох номиданд. Ҳоло духтурони силшинос аз истилоҳи микробактерияи бемории сил истифода мебаранд. Бемории сил аз инсон ба инсон тавассути ҳаво ва оби даҳон паҳн мегардад. Ҳангоми сулфазанӣ, атсазанӣ ва ё балғампартоӣ бактерияҳои бемории сил аз шахсони гирифтори ин намуди беморӣ ба ҳаво паҳн мешаванд. Барои сироятшавии инсон танҳо нафас кашидани миқдори камтарини чунин бактерияҳо кифоя аст. Олимон ба он назаранд, ки тақрибан аз 3 як ҳиссаи аҳолии ҷаҳон дорои бемории сили ниҳонӣ ҳастанд. Хавфи гирифтори ин беморӣ шудани онҳо дар тӯли ҳаёт 10%-ро ташкил медиҳад. Аммо ба шахсоне, ки системаи масунияташон

*Давомаш дар саҳ.3*




# Имзои Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб аз ҷониби Роҳбари давлат

22 марти соли 2018 дар ҳошияи кушодашавии чорабинӣ бахшида ба Оғози Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бинои Созмони Милали Муттаҳид, воқеъ дар шаҳри Ню Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Америка зери Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб имзо гузоштанд. Ҳамин тавр Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб шуд. Дар маросими имзои ин санади муҳим Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро Муовини Дабири кулли СММ Мигел де Серпа Суарес ҳамроҳӣ намуд.

Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб аз тарафи Маҷмаи Умумии СММ 13 декабри соли 2006 қабул шуда, 3 майи соли 2008 баъди аз ҷониби 20 давлати олам тарафдорӣ ёфтан, ҳукми қонунӣ гирифт. Ба ҳолати моҳи ноябри соли 2017 175 давлати олам ва Иттиҳоди Аврупо иштирокчии конвенсия мебошанд. Баъди ҳукми қонунӣ гирифтани Конвенсия Кумита оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб бо 18 аъзо ташкил карда шуд. Маврид ба зикри хос аст, ки бо шарофати сиёсати дарҳои боз ва талошҳову ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои Миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи ташкилоту созмонҳои бонуфузи олам, аз ҷумла, СММ гардидааст. Бо ин Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти глобалӣ ҳамчун узви фаъол саҳми муносиб ва пешоҳанг дорад.






## Дандонпизишк: Мо бераҳм нестем!

Ростӣ, намедонам, ки чаро дандонпизишконро бераҳм мегӯянд? Инро бори аввал мешунавам. Шояд дандонпизишке нисбати бемор бераҳмона рафтор карда бошад? Аммо ҳаминро гуфтаниям, ки нисбати бемор бераҳмона рафтор намудан дар пешаи мо рост намеояд.

саҳ.3

## АУТИЗМ

**Аутизм ихтилоли неврологӣ буда, ба он норасоии ҳамаҷонибаи фаъолияти муштараки иҷтимоӣ ва муошират, ҳавасмандиҳои маҳдуд ва амалҳои такроршавандае хос аст, ки то синни 3-солагӣ зоҳир мешаванд. Рӯзи байналмилалии паҳн кардани маълумот дар бораи аутизм бо ташаббуси кишвари Қатар таъсис ёфтааст, ки дар паёми Дабири кулли СММ соли 2008 қайд шудааст. Дар қатъномаи Ассамблеяи генералӣ пеш аз ҳама ба масъалаи аутизми кӯдакон таваҷҷӯҳ зоҳир ва оид ба ҳисси баланди кӯдакони гирифтори аутизм изҳори нигаронӣ шуда, дар он аҳамияти ташхис ва мудохилаи муносиб аз синни бармаҳал зикр шудааст.**

саҳ.3



# Дандонпизишк: Мо бераҳм нестем!

*Дандонпизишкӣ имрӯз дар ҷомеаи мо яке аз касбҳои нозук ва муҳимест, ки на ҳар кас метавонад аз уҳдааш барояд ва аз нозукиҳои он бохабар бошад. Дар Тоҷикистон мутахассисони соҳа дар ҳоли афзоиш аст, чун муроҷиати шаҳрвандон низ рӯз аз рӯз меафзояд. Умуман, дар ин замона бе соҳаи тиб ягон кори мо ба хубӣ пеш рафта наметавонад. Тасмим гирифтем, бо дандонпизишки собиқадор, Шарифов Абдугаффор Абдурасулович, ки беш аз 23 соли умри худро дар ин соҳа сарф намудааст, суҳбате дошта бошем. Ин марди ҳунар айни замон дар ҶДММ "Ҳоҷиён-1" фаъолият дорад. Ӯ аз с.1995 инҷониб дар ин соҳа аст ва ба пешаи интихобнамудаи худ содиқу вафодор.*



**-Саравал мегуфтед, ки чаро маҳз ҳамин касбро интихоб намудед? Чун то андозае ин касб нозук аст.**

-Дилбастагиям нисбати ин касб ба падарам вобастагӣ дорад, ки марҳум дандонпизишк буданд. Дар деҳаи мо, ки он вақтҳо ягон духтурӣ дандон набуд ва ҳоло ҳам нест, падарам аз методҳои бобоии бедардкунӣ дандонҳои ҳамдеҳагонро табобат мекарданд. Тасаввур кунед, чӣ дарди ҷонкоҳеро мардум аз сар мегузаронидан. Бештари онҳо ба беморхонаи маркази шӯрои деҳа ё маркази ноҳия намерафтанду хоҳиш мекарданд, ки дандони дармандашонро ман канам. Ман, ки чандин маротиба дар рафти дандонкании падар иштирок мекардам ва дилам ба ҳамдеҳагонам, ки дандонро аз ноилоҷӣ ва бо азоб мекананд, месӯхт. Бо хоҳиши падари марҳумам назди худ мақсад гузоштам, ки ин касбро интихоб намоям ва бо амри тақдир ҳамин тавр ҳам шуд.

**-Барои дандонпизишки хуб шудан барои як шахс чӣ гуна ирода лозим аст, яъне ҳама метавонад дандонпизишк шавад?**

-Барои дандонпизишкӣ пеш аз ҳама иродаи мустаҳкам, дониши комил, дасту дили пок доштан лозим. Умуман, барои табибӣ саравал ӯ бояд иродаи мустаҳкам ва дониши комили тиббӣ дошта бошад. Бе доштани ин хусусиятҳо ба табибӣ машғул шудан ғайримикон аст, зеро бо ҳаёти инсон сарукор дорад ва 1 хатои ӯ боиси марги бемор шуданаш мумкин. Лиҳозо, табиб дар кадом самте, ки кор мекунад, ҳаққи хато карданро надорад. Дар ин соҳа шахсони тасодуфӣ унвони табибиро гирифта наметавонанд ва барои зиёд шудан машаққати зиёд лозим.

**-Мегӯянд, ки дандонпизишкон бераҳманд...**

-Ростӣ, намедонам, ки чаро дандонпизишконро бераҳм мегӯянд? Инро бори аввал мешунавам. Шояд дандонпизишке нисбати бемор бераҳмона рафтор карда бошад? Аммо ҳаминро гуфтаниям, ки нисбати бемор бераҳмона рафтор намудан дар пешаи мо рост намеояд ва ҳар коре, ки бо беморон анҷом медиҳем, бо меҳрубонии хос, дасту дили гарм анҷом медиҳем, то бемор азоб накашад ва аз мо розӣ бошад. Шояд дандонпизишке бемореро аз надоштани дониши кофӣ азоб дода бошад, ки бераҳм гуфтаанд. Ба фикри ман ин хатост.

**-Онҳое, ки бо дарди дандон ба Шумо муроҷиат мекунанд, дар як рӯз чӣ қадаранд?**

-Шумораи дардмандоне, ки имрӯзҳо ба мо муроҷиат мекунанд, ҳар хел аст. Рӯзе касе намеояд ва рӯзе яке барои машварат ё дигаре барои фаҳмидани нарху навои кор, савумӣ барои гирифтани табобати аниқ муроҷиат мекунанд.

**-Шумо муштариҳои доимии худро доред?**

-Бале, натанҳо ман, балки ҳар табибе, ки беморро бо муомилаи хуб пешвоз мегираду гусел мекунад, ҳатман соҳиби муштарии доимӣ мегардад. Агар 1 бор кору рафтори табиб ба бемор писанд наояд, дигарбора назди табиб барнамегардад.



**-Вақти истифодаи асбобҳои лозимаи дандон қоидаҳои санитарию гигиениро то кадом ҳадд риоя мекунед? Зеро бештаре аз муроҷиаткунандагон аз риоя накардани қоидаҳои санитарию гигиенӣ шикоят мекунанд.**

-Риоя кардани қоидаҳои санитарию гигиенӣ дар рафти кории мо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа аст. Бе риояи ин қоидаҳо ба беморон танҳо зарар расонида метавонему халос. Барои он ки ба саломатии беморон зарар нарасонем, бояд қоидаҳои гигиению санитариро ба дараҷаи аъло риоя намоем.

**-Ба гуфтаи мутахассисон ҳоло кори дандонпизишк дар муқоиса бо табибони дигар мушкилтар аст...**

-Агар кору малакаи касбии табиб баланд бошад, ҳангоми табобат барояш мушкиле пеш намеояд. Мушкилии асосӣ дар кори дандонпизишкон, ин аз ҷиҳати иҷтимоист, чун он лавозимоте, ки мо дар рафти табобати беморон истифода мебарем, то рафт нархашон дар бозори ҷаҳонӣ баланд шуда истодааст, ки зарари он ба хонадони ҳаряки мову шумо мерасад.

**-Тибқи қоидаи нав дандонпизишкони муассисаҳои тиббии Тоҷикистон пештар аз сокинон маълумотнома дар боби бемории гепатитро мепурсанд. Он то кадом андоза ба саломатии шаҳрвандон манфиатовар аст?**

-Талаб кардани маълумотнома оид ба бемории гепатит айни муддаост. Чун маълумотнома доштан оид ба гирифтор будани муроҷиаткунандагон ба бемориҳои гепатитӣ ба ВНМО (вируси норасоии масъунияти бадан) ба нафъи ҳамаи мардум аст. Ноогоҳона табобат кардани шахсе, ки дар вуҷудаш чунин бемориҳоро дорад, сабаби зарар расонидан ба ҷомеаи мо мегардад.

**-Боре ҳам корафтодагон аз кори Шумо шикоят кардаанд?**

-Ростӣ, то ҳол аз касе барои табобати нодуруст шикояте нашунидаам ва бештар ҳаракат мекунам, ки нисбати табобати ман дар оянда низ беморе шикояте накарда бошад.

**-Беаҳамиятии 1 нафар ҳангоми бемор шудани дандонаш оқибат ба чӣ оварда мерасонад, яъне ба кадом бемориҳо гирифтор шуданаш мумкин?**

-Организми инсон тавре офарида шудааст, ки дар он ҳар як узв вазифаи аниқи худро иҷро менамояд. Дар ҳолати иҷро накардани вазифа ба дигар узвҳо зарар расонидани узвҳои дигар аз эҳтимол холӣ нест. Шахсоне, ки ба ковокии даҳон ва дандонҳои худ беаҳамиятӣ зоҳир менамоянд, ҳатман ба бемориҳои узвҳои ҳозима гирифтор мешаванд. Вақте ки узвҳои ҳозима бемор шуданд, ин бевосита ба дигар узвҳои бадан ва умуман ба шахсоне, ки нисбати ковокии даҳонашон беаҳамиятӣ менамоянд, таъсири манфии худро мерасонад.

**-Ба ақидаи Шумо, асли бемории дандон аз чӣ сар мезанад?**

-Аввал сабаби сар задани бемориҳои дандон ин риоя накардани гигиенаи ковокии даҳон ва баъдан нарасидани витаминҳое, ки ба таркиби устухон вобастагӣ доранд.

**-Шумо ҳамчун дандонпизишк ба шаҳрвандон дар мавриди солим нигоҳ доштани дандонҳояшон чӣ тавсия медиҳед?**

-Ба ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон дар мавриди солим нигоҳ доштани дандонҳои худ тавсия медиҳам, ки ҳамеша қоидаҳои гигиении ковокии даҳонашонро риоя кунанд. Дар 1 рӯз аққалан субҳ ва шом пас аз истеъмоли хӯрок бо хамираи дандоншӯӣ дандонҳои худро бишӯянд. Дар таркиби дандон витаминҳои калтсӣ ва фосфор бештар мавҷуд аст ва барои ҳамин ҳам, агар он маҳсулотҳоеро, ки дар таркибаш ин 2 витамин ҷойгир аст, истеъмол намоянд, барои саломатиашон муфид аст. Ин тавсияҳо ба модароне, ки ҳомиладоранд, бештар дахл дорад. Зеро организми кӯдак аз организми модар ғизо мегирад ва дар сурати кам будани ин витаминҳо дар организм таркиби дандонҳои модар суст ва зуд ба вайроншавӣ оварда мерасонад.

**Суҳбати Нӯшофарини Умарзод**

# Бахшида ба рӯзи



Аутизм ихтилоли неврологӣ буда, ба он норасоии ҳамаҷонибаи фаъолияти муштараки иҷтимоӣ ва муошират, ҳавасмандиҳои маҳдуд ва амалҳои такроршавандае хос аст, ки то синни 3-солагӣ зоҳир мешаванд. Рӯзи байналмилалии паҳн кардани маълумот дар бораи аутизм бо ташаббуси кишвари Қатар таъсис ёфтааст, ки дар паёми Дабири кулли СММ соли 2008 қайд шудааст. Дар қатъномаи Ассамблеяи генералӣ пеш аз ҳама ба масъалаи аутизми кӯдакон таваҷҷӯҳ зоҳир ва оид ба ҳисси баланди кӯдакони гирифтори аутизм изҳори нигаронӣ шуда, дар он аҳамияти ташхис ва мудохилаи муносиб аз синни бармаҳал зикр шудааст. Аз 37 марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуди зертобеи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ Маркази дастгирӣ ва рушди кӯдакон ва наврасони дорои аутизм ва махсусиятҳои инкишофи зеҳнии ташкилоти ҷамъиятии «Ирода» дар ш.Душанбе ягона аст.

Имрӯз дар маркази номбурда кӯдакон ба хизматрасониҳо ва бо теъдоди зерин фаро гирифта шудаанд:

- ***Барномаи дахолати бармаҳал-72 нафар***
- ***Барномаи рушди малакаҳои ҳаётӣ ва худхизматрасонӣ (устохона)-20 нафар***
- ***Барномаи инклюзивӣ ва синфи мутобиқгардонӣ-38 нафар, мактаби № 72***
- ***Барномаи инклюзивӣ ва синфи мутобиқгардонӣ-25 нафар, мактаби №54***
- ***Барномаи дастгирии равонии «волидайни баркамол»-90 оила***
- ***Барномаи маҳфили наврасон (аз 14 то 25-сола)-20 нафар***
- ***Барномаи таҳсилоти фарогир-20 нафар мактаби №72***
- ***Барномаи таҳсилоти фарогир-10 нафар мактаби №54***

Ҷамъ 205 нафар.

Инчунин, барномаи дастгирии психологӣ бо оилаҳо дар 5 гурӯҳ мӯзонида мешаванд. Аз ҷумла:

- ***Дар ш. Душанбе 3 гурӯҳ***



# Табобат бигир ва бидуни сил бизӣ!

*Давомаш.*
*Аввалаш дар саҳ.1*

заиф аст, мисли бемороні ВНМО, нокифоягии ғизо, диабет ва ё тамокукашӣ, хавфи зиёди дучоршавӣ ба ин беморӣ таҳдид мекунад. Ба иқрори мутахассисон нишонаҳои умумии бемории фаъоли сили шуш ин сулфа, баъзан бо балғаму хун, дард дар қафаси сина, бемадорӣ, лоғаршавӣ, табларза ва арақзеркунии шабонаанд. Дар 1 қисми маризон ҳангоми гирифтор будан ба шакли фаъоли ин намуди беморӣ нишонаҳо метавонанд дар тӯли якчанд моҳ мӯътадил бошанд, ки ин ҳолат боиси ба таъхир гузоштани муроҷиат ҷиҳати ёрии тиббӣ ва интиқоли бактерияҳо ба шахсони дигар мегардад. Ин дар ҳолест, ки тибқи таҳлилҳо дар давоми 1 сол инсони гирифтори бемории сил дар ҳолати риоя накардани талабот метавонад то 10-15 танро, ки бо ӯ дар алоқаи зич қарор доранд, сироят намояд. Олимони соҳа бар инанд, ки бемории сил танҳо шуши инсонро сироят намекунад, балки амрози сили ғайришушӣ низ ҳастанд. Гуфта мешавад нишонаҳои шакли ғайришушии бемории сил бевосита аз ҷойгиршавии раванди сироят вобастагӣ доранд.

### Бемориҳои ғайришушии сил;

- Бемории сили мағзи сар ва пардаи мағзи сар.
- Бемории сили сутунмӯҳра, устухон ва пайвандон.
- Бемории сили узви ҳозима.
- Бемории сили пӯст.
- Бемории сили системаи олати таносул ва шоша (пешоббарор).

Агарчӣ Тоҷикистон ба рӯйхати сиёҳи давлатҳои ба бемории сил гирифторбуда шомил нест, лек будани маризии сил миёни аҳолии Ҷумҳурӣ барои ҳукумати кишвар нигаронкунанда боқӣ мемонад. Ин аст, ки Тоҷикистон дар мубориза зидди ин бемории сироятӣ ва ҷиҳати ҳифзи сокинон ва мубталошавӣ ба ин намуди маризӣ як қатор тадбирҳои амалӣ рӯи даст гирифтааст. Қабул шудани Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил», "Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил барои солҳои 2010-2015" аз тадбирҳои андешидаи ҳукумати кишвар дар мубориза алайҳи ин беморист. Тибқи дурнамо қабул намудани чунин асноди ҳуқуқӣ ва барномаҳои миллӣ дар доираи мубориза бо шаклҳои устувори сил, ангезандаҳои муштараки сил/ВНМО, бемории сил дар маҳбасҳо ва чанд ҷанбаи дигарро дарбар гирифтааст. Ҳол он, ки бемории сил аз давраҳои дерин то имрӯз ҳамчун проблема - доғи иҷтимоӣ ва тиббӣ мавҷуд аст. То асри XX бемории сил воқеан табобатнопазир буд. Ҳоло барномаи маҷмӯавӣ таҳия карда шудааст, ки барои ошкор ва табобат кардани ин беморӣ дар давраҳои ибтидоии инкишофи он имконият фароҳам меорад. Тибқи маълумоти охирини СУТ теъдоди гирифторони бемории сироятии сил дар ҷаҳон 10 млн. нафар аст. Бо вуҷуди он ки бемории сил табобатшаванда аст, вале бадбахтона ҳамасола наздики 2 млн. тан аз ин беморӣ ба доми марг меафтанд. Хушбахтона тайи солҳои охир мубталошавии сокинони кишвар ба бемории сил то рафт коҳиш ёфта истода, инчунин бо рӯи даст гирифтани чораҳои амалӣ вобаста ба мубориза зидди ин намуди маризӣ пойгоҳи ташхис ва табобати он мустаҳкам шудааст. Аммо дар ин баробар бо вуҷуди сол ба сол коҳиш ёфтани гирифторшавӣ ба бемории сил ҳоло ҳам ҷиҳати нигаронкунанда дар ин масъала мубталошавӣ ба бемории шакли васеи мутобиқшудаи сил аст. Чунин беморон ба қисми зиёди доруҳо мутобиқ буда, барои атрофиён хавфноканд. Бо назардошти табобати фарогири чунин беморон дар Маркази бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина шуъбаи махсус таъсис дода шуд. Он ҷо беморон якчанд муддат табобати тиббӣ гирифта, баъдан табобат дар муассисаҳои ёрии аввалияи тиббӣ ва санитарӣ идома меёбад. Бо иқдоми бевоситаи Ҳукумати ҶТ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар моҳҳои аввали с.2017 дар Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина маводи дорувории навъи васеи мутобиқшудаи сил бо номи Бедаквилин (bedaquiline) ворид карда шуд. Тайи солҳои 2014-15 зиёда аз 40 давлати ҷаҳон, аз ҷумла; Гурҷистон, Арманистон, Узбекистон, Русия, Африкаи Ҷанубӣ... бо истифодаи доруворӣ Бедаквилин табобати беморони бо шакли васеи мутобиқшудаи сил оғоз карда, дар ин ҷода ба натиҷаҳои назаррас ноил шуданд. Аз с.2015 то охири с.2016 дар Тоҷикистон 17 тан беморон бо табобат фаро гирифта шуданд, ки натиҷаи дилхоҳ дод.

Ба иттилои дастрас Ҳукумати ҶТ танҳо дар с.2016 барои маводҳои доругии зидди силӣ қатори якум 1 млн. сомонӣ ҷудо карда бошад ин шумора дар с.2017 ба 1,5 млн. сомонӣ расонида шудааст. Ғайр аз ин ҳукумати кишвар таъмини ғизонокии беморони силро ба ӯҳда гирифтааст. Ин дар ҳолест, ки Бедаквилин аввалин доруи нав аст, ки аз с.1960 барои табобати бемории сил тасдиқ шуд. Ширкати дорусозии "Janssen Pharmaceuticals", ки ширкати фаръии «Johnson & Johnson» аст, бедаквилинро барои табобати шакли мутобиқшудаи бемории сил ва ҳифзи саломатии аҳолӣ ихтироъ кардааст. Ширкати "Janssen" ин доруи муҳим барои 30.000 даври муолиҷаи силро ба кишварҳои мувофиқ тақдим кард. Бедаквилин доруи навест, чунки аз охирҳои солҳои 1960 барои табобати бемории сил ягон доруи нав ихтироъ карда нашуда буд. Лек хурсандовар он аст, ки бо рушди сатҳи технологияи тиббӣ имрӯз дар Тоҷикистон чун дигар мамолики сайёра ҳассосияти доруҳои зиддисилро дар 2 соат муайян кунанд, ки қаблан дар 2 моҳ муяйян карда мешуд. Бедаквилин аз ҷараёни тезонидашудаи тасдиқ барои истифода дар ИМА моҳи декабри с.2012 гузашт ва барои табобати маризони шакли мутобиқшудаи сил истифода мешавад. Дар Тоҷикистон тибқи тавсияи СУТ аввал 50 бемор барои давраи табобат бо истифода аз бедаквилин номнавис шуданд ва боз наздики 150 бемор дар с.2017 табобат гирифтанд.

Маврид ба зикр аст, ки бо кам шудани шумораи шарикони рушд вобаста ба дастрас кардани доруворӣ зиддисилӣ ба Тоҷикистон имрӯз бо талоши Ҳукумати ҶТ давра ба давра маблағҳои ҷудошаванда аз буҷаи кишвар ҷиҳати харидории номгӯи доруворӣ зиддисилӣ афзуда, инчунин барои ба табобат фаро гирифтани маризони шаклҳои гуногуни сил шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Дар ҳамаи 68 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ марказҳои бемории сил амал мекунанд, ки ташхис ва табобати он комилан ройгон ба роҳ монда шудааст. Таҳлилҳо нишон доданд, ки табобати беморони шаклимутобиқшудаи сил ҳануз дар ибтидои с.2009 дар Тоҷикистон дар сатҳи ноҳияҳои пилотӣ оғоз карда шуда буд ва дар охири с.2014 табобати чунин шаклҳои беморӣ дар тамоми кишвар бо дастгирии шарикони байналмилалӣ имконпазир гашт. Дар айни замон усулҳои табобати дарозмуддат ва кутоҳмуддати беморони шакли мутобиқшудаи сил мавриди амал қарор гирифтаанд. Пайдоиши маводи доруворӣ зиддисилии нав мисли Бедаквилин барои сариваҷт фарогирии беморони мубталои ШВМС дар Тоҷикистон ба табобати зарурӣ имконият дода, барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас дар самти табобат ва боздошти фавти беморони ШВМС мусоидат хоҳад кард. Тибқи омори расмии ҷаҳонӣ кишварҳое, ки паҳн шавии бемории сил миёни аҳолиашон зиёд ба назар мерасад, ин Покистон, Ҳиндустон, Бангладеш, Тайланд, Индонезия, Филиппин, Хитой, Бразилия, Мексика, Эфиопия, Амрикои Шимолӣ ва Русия аст. Ҳарчанд кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон ба рӯйхати сиёҳи давлатҳои мубталои бемории сил шомил нестанд, лек ҳар 1 бемор бояд дар решакан кардани ин беморӣ ва ҳифзи сиҳатии худ талош кунад. Новобаста аз он ки шароити молии бемор чӣ гуна аст, ӯ ҳақ дорад бистарӣ шавад ва табобат гирад. Ҳатто аксарият, дар ҳоле ки нишонаҳои ин бемориро пай мебаранд, мекӯшанд онро ба зукоми оддӣ рабт дода, ба беморхона нараванд. Ба иқрори табибон ҳатто «зукоми оддӣ» касро аз силу фалаҷшавӣ то бемориҳои шадид оварда мерасонад. Аз ин рӯ, бояд ҳар нафари ба бемории сил сироятёфта ҳатман ва зуд ба табибон муроҷиат кунад, то ки атрофиёнашро аз ин навъи беморӣ эмин дорад. Набояд фаромӯш сохт, ки табобати бемории сил дар саросари кишвар ройгон ба роҳ монда шудааст!!!

**Суғдмеҳри Маъруфзод,**
**"Шифо"**

# ...байналмилалии аутизм




- *Дар ш. Хуҷанд 1 гуруҳ*
- *Дар ш. Панҷакент 1 гуруҳ*

Ҳадафи ташкилоти мазкур имконияти ҷалби таваҷҷӯҳи ҷомеа ва воситаҳои ахбори омма ба масъалаи аутизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шинос шудан бо наврасони гирифтори аутизм ва донистани орзуву хоҳиши онҳо, намоиш додани видеоклипи иҷтимоии «Дар як замин» ва аҳамияти ошкорсозии бармаҳали аутизм дар миёни кӯдакони аз 18 то 24 моҳа аст. Дар Тоҷикистон мисли бисёр кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аутизм ҳамчун ихтилоли алоҳидаи неврологӣ дар ҷараёни ворид шудан ба феҳристи ихтилолҳои маъюбкунанда аст. Бо вуҷуди мушкилоту монеаҳо тӯли солҳои охир дар Тоҷикситон дар самти расониданӣ хизмат ба оилаҳои дорои кӯдакони гирифтори аутизм пешрафтҳои назаррас сурат гирифтаанд. Ташаббусҳои маҳалливу байналмилалӣ талошҳои худро муттаҳид карда, ба инкишоф додани тамоюлҳои муосири хизматрасониҳо ва дастгирӣ намудани кӯдакону наврасони гирифтори аутизм дар саросари кишвар идома медиҳанд. Тибқи иттилои Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (СҶТ) ҳар кӯдаки 100-ум дар дунё бо аутизм таваллуд мешаванд. Ошкорсозӣ ва мудохилаи бармаҳал ба пешрафти назарраси инкишофи кӯдакон, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва фарогирӣ ба муҳити муқаррарии таълимӣ натиҷаи худро медиҳад.

**Валиев З.Б**
**Сардори шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳо ва буду боши муваққатии Раёсати ташкили хизматрасонии иҷтимоии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Аҳолии ҶТ**

# Таҷлили «Рӯзи

## зери шиори «Фарогирии



**Сар карда аз соли 1950 дар саросари ҷаҳон 7 апрел ҳамчун «Рӯзи умумиҷаҳонии саломатӣ» ҷашн гирифта мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари комилҳуқуқ миёни башарият дар ҷашн гирифтани иду маросимҳои байналмилалӣ накши ҷиддиеро касб намуда, «Рӯзи умумиҷаҳонии саломатӣ»-ро ҳамасола дар саросари кишвар таҷлил менамояд. «Рӯзи умумиҷаҳонии саломатӣ» ҳамасола дар Тоҷикистон ба мавзӯъҳои гуногун бахшида мешавад, ки имсол ин сана таҳти унвони «Фарогирии аҳолӣ ба хизматрасонии тиббӣ» бахшида шуд. 7 апрел-«Рӯзи умумиҷаҳонии саломатӣ» дар саросари кишвар зери шиори «Фарогирии аҳолӣ ба хизматрасонии тиббӣ» таҷлил карда шуд.**

«Рӯзи умумиҷаҳонии саломатӣ» дар доираи ҳадафҳои бунёдии «Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023» сурат гирифта, санаи 7 апрел дар Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии гастроэнтерологии Ҷумҳурии Тоҷикистон» воқеъ дар ш.Душанбе низ таҷлил карда шуд.



Чорабинӣ бо иштироки Насим Олимзода-вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ, Игор Поканевич-роҳбари намояндагии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дар ҶТ, муовинон ва мушовири вазир, кормандони дастгоҳи марказӣ, роҳбарон ва мутахассисони муассисаҳои марбутаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ сурат гирифта, дар рафти кори он бо ҷалби сармутахассисони соҳавии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ, роҳбарони муассисаҳои тиббии ҷумҳуриявӣ, устодони баландпояи муассисаҳои олии таълимии тиббии ҷумҳуриявӣ ва дигар мутахассисони ботаҷрибаи муассисаҳои ташхисиву табобатӣ ба сокинони пойтахт хизматрасонии ройгони тиббӣ ба роҳ монда шуд. Зимни боздиди Насим Олимзода аз чорабинии мазкур дар симои ҷамъомадагон кулли сокинони кишварро ба «Рӯзи умумиҷаҳонии саломатӣ» табрик намуда, гуфт:

«Дар чунин сатҳ таҷлил намудани «Рӯзи умумиҷаҳонии саломатӣ» дар саросари кишвар бо дастур ва супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати таъмини сатҳи сиҳатии сокинон ва пешгирии гирифторшавии аҳолӣ ба маризиву бе-












# умумиҷаҳонии саломатӣ»

## аҳолӣ ба хизматрасонии тиббӣ»






мориҳои мухталиф, инчунин баланд бардоштани фарҳанги тиббии ҷомеа роҳандозӣ гардидааст».

Дар ҷамъомади мазкур, инчунин гӯшаҳои гиёҳдармонӣ ва иттилоотӣ (лавҳаву овезаҳо, варақаҳо) вобаста ба роҳу василаҳои пешгирӣ аз бемориҳои мухталиф ташкил гардид. Дар рафти баргузории ҷамъомад сокинони зиёди пойтахти кишвар аз хизматрасонии ройгони тиббӣ тавассути роҳбарони муассисаҳои тиббии ҷумҳуриявӣ, устодони баландпояи муассисаҳои олии таълимии тиббии ҷумҳуриявӣ ва дигар мутахассисони ботаҷрибаи муассисаҳои ташхисиву табобатӣ баҳравар гардиданд. Ҳамчунин дар доираи ҳамоиши Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии гастроэнтерологии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нишасти матбуотӣ бо иштироки доираи васеи журналистон сурат гирифт. Нишастро муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ Мирҳамуддин Камолзода




ифтитоҳ намуда, дар он дастовардҳои умумии соҳаи тандурустии кишвар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Дар рафти кори нишаст, инчунин Игор Поканевич-роҳбари Намояндагии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дар ҶТ, сардорони раёсатҳо ва дигар кормандони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ иштирок намуданд. Аҳли нишастро бештар масоили сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ, дастовардҳои соҳаи тиб дар кишвар, нақшаҳои минбаъдаи роҳбарияти вазорат вобаста ба беҳбудии вазъи соҳа ба худ ҷалб намуд. Дар поёни сӯҳбат Мирҳамуддин Камолзода аз ҳамаи рӯзноманигорон барои иштироки фаъолонаашон дар кори нишаст изҳори сипос намуд.







ДАР ҲАМИН МАВРИД

## 1 рӯзи ташхиси ройгони тиббӣ дар Ҳисор

Рӯзи 7 апрел дар Рӯзи байналмилалии тандурустӣ муассисаҳои тандурустии ш.Ҳисор мардумро бо таблу карнай ва мусиқиву суруд пешвоз гирифтанд. Дар Маркази саломатӣ ва беморхонаи марказии Ҳисор барои 1 рӯз ташхиси тиббӣ ва ҳатто рентгенро барои мардум бепул карданд. Ин имкони ташхису рентгени бепул сели хоҳишмандони тафтиши вазъи саломатиашонро ба беморхонаҳо овард. Рӯзи 7 апрел, дар Рӯзи байналмилалии тандурустӣ, ки имсол тахти шиори «Дастрасии ҳамагонии тандурустӣ: Ба ҳама ва дар ҳама ҷо" баргузор мешавад, дар муассисаҳои тиббии ш.Ҳисор маъракаи ташхиси тиббии бепул ва рентгени бепулро ба роҳ андохтанд. Дар саҳни Маркази саломатӣ ва беморхонаи марказии Ҳисор мардумро бо таблу карнай ва мусиқиву суруд пешвоз гирифтанд. Дар саҳни бемористон мизҳои махсусе гузошта шуда буд, ки табибон мардуми корафтодаро қабул карда, бепул ташхис карда, машварат медоданд. Ҳамин тавр, дар ин рӯз ташхиси тиббӣ ва рентгенро дар беморхонаҳои Ҳисор барои мардум бепул карданд. Табибон мегӯянд, хабари бепул будани ташхиси тиббӣ ва рентген рӯзи 7 апрел мардумро гуруҳ-гуруҳ ба назди онҳо раҳсипор кард. Корафтодагон аз ин ташаббуси мақомоти тандурустии Ҳисор истиқбол мекунанд ва мегӯянд, ин иқдом бахусус барои мардуми фақир, ки имкони иқтисодии ташхиси вазъи саломатиашонро надоштанд, як кори савоб шуд. Бино ба гузоришҳои расида, рӯзи 7 апрел дар Рӯзи ҷаҳонии тандурустӣ дар муассисаҳои тиббии дигар минтақаҳои Тоҷикистон низ бо дастури вазорати тандурустӣ ташхиси тиббиро бепул кардаанд.



# Солимии модар-солимии ҷомеа

Зебо Ҳайдарова яке аз он бонувони хатлониест, ки солҳои зиёд аз бемории камхунӣ азият мекашад. Маҳз риоя накардани одитарин қоидаҳои хӯроккӯрӣ, фосилаи байни таваллуд боис шудааст, ки имрӯз вазъи саломатияш ногувор арзёбӣ гашта, 2 маротиба дар беморхона бистарӣ гардидааст. **“То таваллуди фарзанди якум саломатиям хуб буд. Вақте ӯро таваллуд кардам, хунравӣ зиёд шуд. Зеро кӯдакро тариқи буриши қайсарӣ аз батнам гирифтанд. Духтурон маслиҳат доданд, ки то барқарор шудани организм аз ҳомиладорӣ эҳтиёт шавам. Аммо ман ин гуфтаҳои духтуронро ҷиддӣ нагирифтам ва як сол нагузашта ҳомиладор шудам. Бори дуюм низ фарзандамро тариқи ҷарроҳӣ гирифтанд. Ин дафъа низ хуни зиёдеро аз даст додам. Ин аст, ки камхунӣ то ҳол азиятам медиҳаду беҳолу бемадор таҳти табобати духтурон қарор дорам**”- мегӯяд Зебо.

Табибон мегӯянд, беш аз 50 дарсади занони ҳомила ва 40 дарсади занони қобили таваллуди вилояти Хатлон аз бемории камхунӣ азият мекашанд. Райҳона Мирзоева, сардори Маркази репродуктивии вилояти Хатлон бар ин назар аст, ки паҳншавии бештари камхунӣ дар байни занон сабабҳои хоса дорад. **“Сабаби асосии пайдоиши бемории камхунӣ кам будани оҳан дар таркиби хуни инсон аст. Сабаби дигар риоя накардани фосилаи байни таваллуд. Ин дар ҳолест, ки организми онҳо баъди таваллуди пешин, имкони барқарор шудан наёфтааст. Баъдан, бемориҳои меъдаю рӯда низ метавонанд сабаби камхунӣ гардананд. Яъне захму хунравии меъда ва ё рӯдаи дувоздаҳангушта касро ба камхунӣ мерасонад”.**-мегӯяд Мирзоева.

Шералӣ Раҳматуллоев-сардори Раёсати ташкили хизматрасонии тиббӣ ба модарону кӯдакон ва танзими оилаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ меафзояд, асоситарин сабаби камхунӣ миёни занон танзим нашудани ғизо аст: **“Омилаш истеъмоли хӯроки якранг ва ё ҳангоми истифодаи хӯрок нӯшидани чой ва қаҳва аст. Чойю қаҳва дар таркиб моддаҳое доранд, ки имконияти ҷабидани оҳанро аз таркиби ғизо бартараф мекунанд. Дар натиҷа организм наметавонад оҳани лозимаро аз ғизо ҷабида бигирад. Вақте организм миқдори даркории оҳанро гирифта натавонист, инсон гирифтори камхунӣ мегардад”.**

Бемории камхунӣ пас аз занон дар миёни кӯдакону наврасон бештар паҳн шуда, то ҳол ҳамчун масъалаи ҳалталаб боқӣ мондааст. Чуноне, ки мудири шуъбаи машваратгоҳи психологию тиббии ш.Қӯрғонтеппа Манзура Давлатова иброз медорад: **“Сабаби мубталои камхунӣ шудани кӯдакон модарони онҳо ҳастанд. Чун гирифтори ин беморианд, худ сари вақт табобат намегиранд. Чуноне медонем, дар се моҳи охири ҳомиладорӣ дар ҷигари кӯдак витамина А инкишоф меёбад. Аммо вақте модар бемор асту табобат нагирифтааст ва витамини А дар ҷигари кӯдак дуруст инкишоф наёфтааст, кӯдак ба ҳар гуна беморӣ гирифтор хоҳад шуд”.**

Ҳанифа Расулова, коршиноси бемориҳои занона низ бар ин назараст, ки **“бояд духтарони аз 15-сола боло баъзан аз муоинаи духтури занона гузаронида шаванд. Зеро онҳо дар ин синну сол ҳайз мебинанд ва дар баъзе ҳолат бо сабабҳои мухталиф хуни зиёд аз даст дода, ба бемории камхунӣ гирифтор мешаванд”.**

Пизишкон мегӯянд, камхунӣ ба занон ва наврасону кӯдакон таъсири нохуши ҷиддӣ расонида метавонад. Занон гоҳо кӯдаки камвазн ё мурда таваллуд мекунанд ва ё эҳтимол дорад, ҳангоми таваллуд аз хунравии зиёд модар бифавтад. Иммунитети кӯдак ҳам суст шуда, зуд гирифтори бемориҳои гуногун, аз ҷумла, рахит, камвазнӣ, қадпастӣ ва инкишофи сусти ҷисмонию зеҳнӣ гардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бемории камхунӣ бештар аз ҳама миёни занон паҳн шудааст, ки ин дар аксар ҳолат ба насли ояндаи инсон таъсири манфӣ мерасонад. Пас, ин таҳдид ба генофонди миллат аст. Зеро “Солимии модар-солимии ҷомеа” гуфтаанд. Баҳри пешгирӣ ва коҳиш додани бемории камхунӣ кулли ҷомеа дар радифи табибон бояд саҳмгузор ё ҳадди ақал табиби худашон бошанд.

**Қурбоналӣ Қурбонов,**
**Машваратчии маҳаллӣ оид ба кор бо ҷомеа ва ВАО дар вилояти Хатлон**

# Лейкополоиш-роҳи хунгузаронии бехатар



Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун” ба таври васеъ технологияи наверо дар соҳаи тандурустӣ ҷорӣ кардааст, ки дараҷаи баланди бехатарии интиқол, яъне хунрезиро дар бемор кафолат медиҳад. Мушкили сироятёбӣ бо вирусҳо ва дигар сироятҳои хавфнок хусусияти стратегии умумидавлатӣ дошта, яке аз масоили омили бехатарии миллии давлат аст. Яке аз қадамҳои аввалини Муассисаи давлатии мазкур ҷорӣ кардани филтрҳо дар соҳаи хадамоти хун аст, ки таркиби хунро аз ҳуҷайраҳои хун (лейкоситҳо) тоза мекунанд. Ба ҳама маълум аст, ки интиқоли вирусҳо ба ҳар гуна беморӣ ба воситаи ҳуҷайраҳои хун анҷом дода мешавад ва дар тамоми дунё зарур мешуморанд, ки аз онҳо дар вақти хунчаконӣ халос шудан лозим аст. Дар соҳаи пешрафтаи Хадамоти хуни ҷаҳонӣ аллакай лейкофилтратҳои хуб истифода карда мешавад, ки қариб пурра таркиби хунро аз лейкоситҳо озод мекунад. Дар мамолики пешрафтаи Ғарбӣ тамоми хун ҳатман филтр карда мешавад. Аз адабиётҳо аён аст, ки шумораи сироятёбии баъдиҷарроҳӣ дар беморони саратон 5%-ро ташкил медиҳад ва ҳангоми гузаронидани хун эҳтимолияти 25-30% зиёд шуданро дорад. Лек дар мавриди филтратсия намудани хун ин ҳолат ба 2% оварда мерасад. Яке аз роҳҳои радикалии кам кардани ҳодисаҳои сироятёбии вирусӣ, ин филтратсияи хун ҳангоми то интиқоли хун ба муассисаҳои табобатист. Хато намекунем гӯем, ки гузаронидани хуни бехатар аксаран саломатии инсонро муайян менамояд. Зарур аст, ки табибон ҳангоми хунгузаронӣ ин вазъиятро эҳсос намуда, барои хунчаконӣ хунҳои аз таркибашон лейкоситҳо полоишнамуда истифода баранд. Фоидаи лейкополоиш (лейкофилтратсия)-и ҷузъҳои ҳуҷайраҳои хун.

*1.Пешгири (паст кардан)-и хатари аксуламали табларзавӣ дар бемороне, ки дорои аксуламали таблarзавии ғайригемолитики дар таърихи беморӣ дошта, махсусан якчандкарата чунин аксуламал дар онҳо ба қайд гирифта шуда бошад.*

*2.Пешгирии хатари аллоимунизатсияи антигенҳои HLA.*

*3.Пешгирии хатари гузариши ситомегаловирус ва дигар навъи вирусҳои лейкотропикиро (вируси Эпштейн-Барр, Т-вируси лимфотропӣ) бо хун ва ҷузҳои он таъмин менамояд.*

*4.Паст кардани хатари пурраи баъдитрансфузионӣ (босуроти геморагӣ - сип) ва аксуламали баъдитрансфузионии “гирса (трасплантант) зидди соҳиб”.*

Дар Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии илмии хун” соли 2017 консентрати эритроситҳои аз лейкосит ва тромбоситҳо софкардашуда ба 290,4 литр расонида шуда буд.

**А.Кабиров, муовини Директори генералии МД МҶИХ**



# Оё ба табибон боварӣ доред?

*Воқеан, дар таъриху фарҳанги халқи тоҷик тибб мақоми шоиста дошта, давоми садсолаҳо аҷдоди донишманди мо, ба мисли Закариёи Розӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳон Берунӣ ва даҳҳо абармарди миллат дигар ганҷинаи бебаҳои тиббӣ ҷаҳонро бунёд гузоштаанд. Қобили зикр аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саломатии миллатро боигарии миллат номида, пайваста ба рушди соҳаи тандурустӣ таваҷҷӯҳи хос зоҳир менамоянд. Ин нукта масъулини соҳаро водор месозад, ки ба беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, фароҳам овардани шароити муносиби фароғату солимгардонӣ, бунёд ва таъмири муассисаҳои табобатӣ ва ҷорӣ намудани таҷрибаҳои пешқадам дар фаъолияти кормандони соҳа тадбирҳои саривақтӣ андешанд. Лиҳозо, нашрияи «Шифо» бо суоли “Оё шумо ба табибон боварӣ доред?” ба чанд тан аз сокинони пойтахт муроҷиат намуд:*

**Мафтунаи Ҳисорӣ, донишҷӯи ДМТ:**

-Ман ба табибон боварӣ дорам, зеро ба воситаи илми тибб бисёр бемориҳои марговар ошкор ва пешгирӣ карда мешаванд. Инчунин, табибон сабаби солимшавии бемор ва раҳоии онҳо аз ҳар гуна дард мешаванд...

**Шӯҳратҷон Алимардонов, донишҷӯи ДТТ:**

-Албатта! Чунки имрӯзҳо, бубинед то кадом андоза тиббӣ мо пешрафт кардааст. 1 узви бадани 1 инсонро ба инсони дигар пайваст ва дилро низ иваз мекунанд. Ин корест ниҳоят мушкил ва шояд 20-30 сол пеш одамон дар ин бора ҳатто фикр намекарданд. Ҳоҷат ба шакку шубҳа нест ва албатта ба табибон боварии комил дорам.

**Тоҳиров Ҳафизулло, сокини ш.Душанбе:**

-Бале, ба куллӣ бовар дорам. Гарчанде, баъзе табибони бевиҷдон барои пул шуда дину имонашонро мефурӯшанд ва бемор мурда истода бошанд ҳам, то пул надиҳад ба ӯ кӯмак намекунанд. Ва низ ҳастанд ҳолатҳое, ки духтур бо ягон дорухона маслиҳати пешакӣ дораду дар дорухат танҳо доруҳои қимматро менависад ва парвое надорад, ки ин бемор аз куҷо пул пайдо мекунаду онро мегирад.

**Шоев Далерҷон, сокини ш.Душанбе:**

-Ба баъзе табибони ҳозираи тоҷик боварӣ надорам. Зеро онҳо ҳамеша баҳри ба даст овардани пулу мол мекӯшанд, на барои табобату барқароркунии саломатии инсон.

**Саъдиева Санавбар, сокини ш.Душанбе:**

-Давраи мактабиам, рости гап ба табибону илми тибб он қадар бовар надоштам ва ҳама чизро аз Худованд медидам. Вақте модарам ба бемории қалб гирифтор шуд, маҳз табибон тавонистанд кӯмакаш кунанд. Ва модарам шифо ёфт. Баъд аз ин ташвиш ҳамакнун донистам, ки дар дунё ҳама чиз дар дасти Худованд аст, лек Офаридгор чизеро ё касеро дар дунё восита месохтааст, мисле ки пизишкро! Албатта, ки боварӣ дорам.

# ФАРМАЦЕВТИЧЕСКИЙ КРОССВОРД



**ПО ГОРИЗОНТАЛИ**

5. Препарат – ингибитор ангиотензин-превращающего фермента.
8. Лекарственное средство группы пенициллинов.
9. Это лекарство показано при морской и воздушной болезнях.
10. Синоним витамина В1.
11. Сбор гипогликемического и общеукрепляющего средства, используемый при лечении сахарного диабета.
12. Одно из древнейших эфиромасляничных и лекарственных растений.
14. Полученный из масла багульника сексвитерпеновый спирт противокашлевого действия.
16. Лекарственное средство – 2-меркаптоэтансульфоновая кислота в виде натриевой соли.
17. Венгерское противодиабетическое средство, гидрохлорид бутилбигуанида.
18. Болгарский аналог силибинина.
19. Финское средство на основе дилтиазема.
20. Противоопухолевый препарат алкилирующего действия на основе мелфалана.

**ПО ВЕРТИКАЛИ**

1. Французский препарат, вырабатывающийся из гинкго и улучшающий мозговое кровообращение.
2. Аналог пробукола производства Македонии.
3. Противодиабетическое средство, известное также как буформин.
4. Основным веществом этого препарата миорелаксирующего действия является хлорид суксаметония.
6. Синоним левомепромазина.
7. Ненаркотический противокашлевый препарат.
12. Спиртовая вытяжка из репчатого или зеленого лука.
13. Общеанестезирующее, анальгезирующее средство.
14. Противогрибковый препарат.
15. Торговое название пропранолола.

**ОТВЕТЫ**

**По горизонтали**
5. Энап. 8. Ампициллин. 9. Аэрон. 10. Бетабион. 11. Арфазетин. 12. Анис. 14. Ледин. 16. Месна. 17. Адебит. 18. Карсил. 19. Кардил. 20. Алкеран.

**По вертикали**
1. Танакан. 2. Липомал. 3. Глибутид. 4. Листенон. 6. Нозинан. 7. Пренокдиазин. 12. Аллилчеп. 13. Кеталар. 14. Ламизил. 15. Индерал.

# МЕДИЦИНСКИЙ КРОССВОРД



**ПО ГОРИЗОНТАЛИ**

4. Артерия большого круга кровообращения.
7. Область клинической медицины.
8. Воспаление мышц.
9. Мельчайший организм.
11. Элемент скелета.
12. Патологическое состояние, вызванное отравлением.
14. Специалист с высшим медицинским образованием.
16. Фенилсалицилат, дезинфицирующее средство, применяемое при заболеваниях мочевых путей и кишечника.
18. Доброкачественная опухоль, происходящая из мышечной ткани.
19. Фиброзно-мышечный орган кровеносной системы.
20. Врач-специалист в области лечения опухолей.
21. Острая инфекционная болезнь.
23. Психопатологическое состояние, одна из форм психоза.
24. Часть скелета, дающая опору нижним конечностям.
25. Пустула с глубоким изъязвлением.

**ПО ВЕРТИКАЛИ**

1. Процесс образования плотных свертков крови в полости сердца и сосудов.
2. Препарат, специфически связывающийся с определенными активными участками биологических структур.
3. Болезнь, характеризующаяся избыточным выделением мочи.
5. Повреждение тканей, причиненное внешним воздействием.
6. Болезнь суставов.
8. Устройство, накладываемое на лицо для ингаляционного наркоза.
10. Инъекция.
13. Острое гнойное воспаление века.
14. Патологическое изменение вен.
15. Дегидрохолевая кислота, желчегонное средство.
16. Злокачественная опухоль.
17. Воспаление яичников.
19. Органическое соединения, содержащее гидроксильную группу у насыщенного атома углерода.
22. Показатель, отражающий изменения физико-химических свойств крови (аббревиатура).

**ОТВЕТЫ**

**По горизонтали**
4. Аорта. 7. Урология. 8. Миозит. 9. Микроб. 11. Кость. 12. Токсикоз. 14. Врач. 16. Салол. 18. Миома. 19. Сердце. 20. Онколог. 21. Корь. 23. Мания. 24. Таз. 25. Эктима.

**По вертикали**
1. Тромбоз. 2. Блокатор. 3. Диабет. 5. Ожог. 6. Артроз. 8. Маска. 10. Укол. 13. Ячмень. 14. Варикоз. 15. Хологон. 16. Саркома. 17. Оофорит. 19. Спирт. 22. РОЭ.

# Эстрожен ё ҳормони зебоӣ



Занро бисёриҳо мавҷуди пешгӯинашаванда меноманд. Ва ин иддао то андозае ҳақиқат дорад ва аҷиб ҳам ба назар мерасад. Олимон муътақиданд, ки саломатӣ ва табъи занро ҳормонҳо идора мекунанд. Мутаассифона, илми муосир дар бобати ҳормонҳо ҳанӯз маълумоти комил дар даст надорад. Барои мисол ҳамеша чунин мепиндоштанд, ки бештари мушкилоти занон аз тағйири меъёри эстрожен-ҳормоне, ки ҷавобгӯи зебоӣ ва солимии зан аст, вобастагӣ дорад. Аммо имрӯз собит шуд, ки ин ақида чандон дуруст нест. Олимон муайян кардаанд, ки на танҳо меъёри эстрожен, балки чи гуна таҷзия шудани ин ҳормон дар организми зан низ аҳамияти вежа дорад. Аён шуд, 1 қисми моддаҳо, ки дар натиҷаи тақсими эстрожен ба вуҷуд меоянд барои саломатии зан бисёр муфид буда, қисмати дигари моддаҳои ба вуҷуд омада, баръакс, бисёр зараровaранд. Лиҳозо, имрӯз табибон мегӯянд, эстрожен монанди холестерин метавонад ҳам «хуб» ва ҳам «бад» бошад.



Эстрожен асоситарин ҳормонест, ки занро воқеан зан мегардонад. Ин ҳормон саҳми бузурге дар кори системаи тавлиди насли (репродуктивӣ) зан дошта, ҳам саломатии ҷинсии ӯ ва ҳам имкони модар шуданашро муайян мекунад. Маҳз зери таъсири ин ҳормон занон ошиқ мешаванд, шавҳар мекунанд ва шаҳди ширини модариро мечашанд. Аммо бо ин таъсири он маҳдуд намегардад ва эстрожен паҳлӯҳои зиёди дигаре низ дорад. Аз ҳама бештар рангу рӯи зан аз эстрожен вобастагӣ дорад. Ин ҳормони муҳим дар таровати пӯст, пардози мӯй, чандирии мушакҳо ва қуввати устухонҳо низ нақши муҳим мебозад. Эстрожен инчунин дил ва рагҳоро муҳофизат мекунад ва маҳз ба хотири ин ҳормон занҳо камтар аз мардҳо ба бемориҳои рагу дил гирифтор мегарданд. Баршумардани ҳамаи доираи таъсири эстрожен имкон надорад, чун ин ҳормон ба 400 кори бадан таъсиргузор аст. Аммо ин таъсири мусбиро ба бадан танҳо эстрожени «хуб» мерасонад. Дар баробари ин эстрожени «бад» баръакс таъсири зиёди манфӣ мерасонад.

Эстрожени «бад» ба андешаи мутахассисон хатари бемориҳои саратониро боло мебарад ва бинобар ин занҳо бояд меъёри эстрожени «бади» баданашонро поин биёранд. Зиёд ё кам шудани қисматҳои «хуб» ё «бади» эстрожен аз омилҳои гуногун вобастагӣ доранд. Ба баъзе аз ин омилҳо (хусусиёти ирсии табодули моддаҳо, синну сол…) инсон таъсир расонида наметавонад, аммо баъзеи дигарро мешавад назорат ва дигаргун кард. Барои таҳрики бадан ба тавлиди эстрожени «хуб» пеш аз ҳама бояд оромиро ба даст овард. Асабонияти зиёд ва стресҳо ба кори ҳамаи системаҳои бадан таъсири манфӣ расонда, тавлиди ҳормонҳоро халалдор мекунанд. Ҳаракати ҷисмонӣ низ аҳамияти зиёд дорад. Ин ҳаракат бояд мунтазам бошад ва шуморо зиёд хаста накунад. Пиёдаравии ҳаррӯза дар ин самт беҳтарин кори ҷисмонист. Барои тавлиди эстрожени «хуб» мутахассисон инчунин истеъмоли зиёди гулкарамро ба занҳо тавсия мекунанд. Гулкарам дар таркиб миқдори зиёди моддаи махсуси растанӣ (ДИМ) дорад, ки ба тақсимшави (иншиоб)-и эстерожен ва тавлиди қисмати «хуби» он кӯмак мекунад. Умуман, эстерожен аз ҳама ҳормони муҳим барои зан ба шумор меравад ва олимон ҳамвора онро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Шояд дарояндаи наздик муяссар гардад ба таври самаранок мубодилаи ҳормонҳоро танзим намоянд ва миқдори эстрожени «хуб»-ро боло бурда, эстрожени «бад»-ро кам кунанд. Дар ин сурат ҳар зан метавонад худро зебову солим ҳис карда, ҳамеша ҷавон боқӣ бимонад.

**Меҳрубон Салимшоев,**
**корманди Беморхонаи Ибни Сино**

# Диабет
## пешгиришаванда аст



Тибқи иттилои Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ҳар сол дар Тоҷикистон афзоиши шумораи умумии гирифторони бемории диабети қанд ба қайд гирифта мешавад. Ҳамчунин, ҳолатҳои аз ин беморӣ ба оризаи вазнин-маъюбӣ расидан ҳам рӯ ба афзоиш аст. Диабет бемории музмин, вале пешгиришаванда аст. Чораи ягонаи боэътимоди боздоштани паҳншавии он, ин роҳ надодан ба гирифторшавии одамон ба ин беморист. Бисёр омилҳои хатарнок ба саломатӣ, ки ба зиёдшавии вазни ҷисм алоқамандӣ дорад, дар синни тифлӣ ё наврасӣ пайдо мешаванд. Диабет 2 навъ мешавад, ки навъи дуюми онро метавон ба воситаи доруворӣ ва риояи вояи дуруст табобат кард. Барои пешгирии диабети навъи 2 солимии вазни ҷисм, машғулият ба фаъолияти ҷисмонӣ, нигоҳ доштани вояи солими ғизо бо тановули пайвастаи меваю сабзавот, худдорӣ аз тамокукашӣ зарур аст. Дар ин ҷода муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ нақши муҳимро иҷро мекунанд.

# Ба мавҷудияти СПИД бовар доред?

Дар 1 барномаи тандурустии ТВи Русия барандааш бо исрор мегуфт, ки «вирусе чун СПИД аслан нест! Ин танҳо бофтаи ҳангомарези 1 гурӯҳ ҳаннотон аст, ки ҳамасола маблағҳои ҳангуфтро ба манфиатҳои шахсиашон истифода мебаранд». Ин гуфтаҳо водорам сохт, ки ба фикр равам. Дар он маконе, ки ман зиндагӣ дорам беш аз 10.000 нафар зиндагонӣ доранд. Дар ин миён надидаам ё нашунидам, ки ягон нафарашон гирифтори бемории СПИД бошанд. Шукри Худо ёру дӯст, хешу табори зиёд дорам. Дар ин шумор низ касе гирифтори ин беморӣ нест. Ё дар ин умри 55-солаи хеш ягон шахси мубталои ин бемориро надидаам. Пас, ту ҳам андеша кун, хонандаи гиромӣ, ягон шиноси ту мубталои СПИД ҳаст? Пас, ку ҳамон СПИД? Дар ин хаёл будам, ки маро ба маҷлис даъватам карданд. Ин нишаст дар маҷлисгоҳи хоҷагии ба номи Ф.Саидови ноҳия доир гашт ва нахуст Акрам Давлатзода-масъули вилояти Хатлон ба сухан баромада гуфт, ки «афроди мубталои СПИД дар вилоят 1904 нафар буда, 650 нафарашонро



занҳо ташкил медиҳанд ва 70%-и онҳо ҷавонони аз 20 то 40 солаанд».

Баъди хатми маҷлис фикри ӯро дар боби ҳамон барномаи ТВ Русия пурсидам, гуфт, «СПИД бемориест, ки онро истеҳсол кардаанд. Ин ҳам андешаи 1 гурӯҳ олимонест, ки бо тадқиқоти СПИД машғуланд».

Писарам Муҳаммадалиҷон, ки табиб аст, дар ин бора мегӯяд: «СПИД мисли мутант аст, ба хуни одам дохил шуда, мисли бӯқаламун шаклашро иваз мекунад, аз ин рӯ, шакли ягонаи онро ёфтан хеле душвор». Хуб, ба кӣ бовар кунем? СПИД ҳаст ё не???

**Холбой Имомов,**
**муаллим, н.Бохтар**




*Муассис Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ.*

ШИФО

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Олимзода Насим Хоҷа** - вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ

**Умарзода Саида Ғайрат** - муовини якуми вазир

**Одиназода Азиз Абдусаттор** - муовини вазир

**Камолзода Мирҳамуддин** - муовини вазир

**Содиқова Дилором Нуруллоевна** - ёрдамчии вазир

**Бекмуродзода Султон Бекмурод** - сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Холзода Абдулҳаким Қуввват** - директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ

**Фазила Яфталиева** - директори Маркази матбуоти вазорат

●

**Сармуҳаррир**
**Шаҳрзоди Амин**

**Котиби масъул, тарроҳ:**
**Идибек Маҳмудҷонов**

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:

**Суғдмеҳри Маъруфзод,**
**Зайнаб Анварӣ,**
**Нӯшофарини Умарзод**

●

**Ҳафтанома тибқи қарори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.02.2018 таҳти №058/РЗ-97 ба қайд гирифта шудааст.**

●

**Ҳафтанома дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ мерасад**
**Теъдоди нашр 5000 нусха**

**Нишонӣ: 734025, ш.Душанбе, кӯч.Шевченко 69, тел: 44-600-60-02, 93 760 60 61**